**Дастурамал**
**оиди пур кардани шакли №10 – кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи рафти алафдаравӣ ва тайёр кардани ему хошок»**

Ҳисоботи шакли №10 – кишоварзӣ «Ҳисобот дар бораи рафти алафдаравӣ ва тайёр кардани ему хошок» аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба шуъбаи омори ноҳия (шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон бо усули электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳисобот дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ: варақаи баҳисобгирии тракторчӣ- машинист (шакли №67), варақаи баҳисобгирии меҳнат ва корҳои иҷрошуда (шакли №66-а), дафтари дохилшавии маҳсулотҳои кишоварзӣ (шакли №81) санади (акти) қабули хӯрокиҳои дурушт ва ширадор (шакли №92), дафтарчаи бригадир оид баҳисобгирии меҳнат ва корҳои иҷрошуда (шакли №65) ва китоби баҳисобгирии муҳосибӣ (бухгалтерӣ) оид ба даромади маҳсулотҳои кишоварзӣ пур карда мешавад. Маълумотҳо бо ҷамъи афзоянда аз авали мавсим нишон дода мешвад.

Дар сатри №01 «Алафҳои кишт карда шуда ва худрӯй, бори аввал даравидашуда(барои беда, тарбеда, хӯроки сабз, силос, орди алаф ва ғайра)» нишон дода мешавад:

а) замине, ки дар он дарави якӯми алафҳо барои беда, тарбеда, хӯроки сабз, силос, орди витаминдор, алафҳои кошташудаи солҳои пешин, алафҳои яксола ва бисёрсолаи кишти соли ҷорӣ ва дигар зироатҳо, ки барои беда кишт шуда будаанд ва зироатҳои ғалладонае, ки барои беда, тарбеда, силос ва орди витаминдор нишон дода мешавад;

б) замини алафдаравӣ, ки дар он дарави якӯм барои беда, тарбеда, хӯроки сабз, силос ва орди витаминдор нишон дода мешавад.

Дар ин сатр заминҳои даравидашуда ҳам дар заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам дар заминҳои захираи давлатӣ (госземзапас), хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ ва дигар ноҳияҳо ва дар заминҳое, ки дигар хоҷагиҳо барои муваққатан истифодабарӣ ҷудо кардаанд нишон дода мешавад.

Замине, ки дар он даравҳои дуюм ва минбаъда гузаронида шудаанд, низ дар ҳамин сатр нишон дода мешаванд.

Дар сатри № 02 «Кишти алафҳои бисёрсолаи солҳои гузашта» даравида шуда, дарави аввал, дарави дуюм ва даравҳои минбаъда – ҳамагӣ бо ҷамъи афзоянда нишон дода мешавад.

Дар сатрҳои №03 -10 миқдори хошоки тайёркардашуда аз ҳосили соли ҷорӣ ва хошоке, ки бо қувваи худ дар дигар хоҷагиҳо бо санад дар вақти пур кардани ҳисобот сарфи назар аз истифодабарии он (таъминоти чорвои ҷамъиятӣ, барои фонди суғуртавӣ, барои додан ба коргарони хоҷагӣ ба ҷои

музди меҳнати асосӣ ва иловагӣ, барои фурӯши коргарони совхозҳо ва корхонаҳои байнихоҷагӣ) нишон дода мешавад.

Хошоке, ки то пур кардани ҳисобот хароҷот шудааст, масалан, чорвои ҷамъиятиро хӯрондан, ба коркунони хочагӣ додан барои меҳнати асосӣ ва иловагӣ, ба коркунони совхозҳо, корхонаҳои байнихоҷагӣ ва дигарҳо фурӯхтаи аз миқдори умумии хошоки тайёркардашуда бароварда намешавад.

Алафи сабзе, ки даравида дар давраи тобистону тирамоҳ ба чорво хӯронда шудааст ба миқдори умумии хошоки тайёркарадшуда дохил карда намешавад.

Зироатҳои ғалладонагие, ки дар давраи тобистон талаф ёфтаанд ва онҳо барои чарондани чорво, беда, хӯроки сабз, силос истифода бурда шудаанд ба зироатҳои хӯроки чорво ҳисоб карда намешаванд.

Миқдори боқимондаи хошоки солҳои гузашта ва хошоки харида ё аз дигар тараф гирифташуда дар ҳисобот дохил карда намешавад.

Дар сатри №04 «Хасбеда алафҳои табиӣ ва корам» миқдори хасбедаи ҳамаи давраҳо нишон дода мешавад: аз замини захираи давлатӣ (госземзапас) ва замини ташкилотҳои ҷангали худӣ ва дигар ноҳияҳо ва заминҳое, ки муваққат аз дигар хочагиҳо истифода бурда мешавад.

Дар ин сатр растаниҳои баргу пояи дурушт монанди; янтоқ, қамиш, шура дар сатри 06 дохил мешавад.

Дар сатри №05 «Тарбеда» миқдори тарбедаи даромадшуда дар асосӣ баркаш тарбедаи дар чуқуриҳо хобондашуда бо тарҳи 10 фоиз дар вақти хобондани тарбеда, нишон дода мешавад.

Дар сатри №06 «Хасу хошоки зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ», коҳреза, пояи ҷуворимаккаи баъди пухтанаш ғункардашуда (ғайр аз хӯроки силосхобондашуда) ва дигар ему хошоки дурушт (янтоқ, қамиш, шура) нишон дода мешавад. Коҳе, ки бе дигар зироат силос хобонда шудааст низ дар ин сатр нишон дода мешавад.

Коҳе, ки бо ҳамроҳии дигар зироат силос хобонда шудааст дар ин сатр дохил карда намешавад (дар сатри 09 дохил мешавад).

Миқдори хасбеда ва коҳи тайёр кардашуда бояд аз 3 рӯз дер нашуда даромада карда шавад.

Дар сатри №08 «Бехмеваҳои хӯроки чорво» хамаи бехмеваҳои хӯроки чорво, аз он ҷумла лаблабуи қанд барои хӯроки чорво, полизиҳои хӯроки чорво, сабзавоти хӯроки чорво ва дигарҳо дохил мешаванд.

Дар сатри № 09 «Силос тайёр карда шуд» миқдори силос баъди 20 рӯзи хобондани он дар асоси санади даромади хошок, вазни нормативии

силос дар як кубометр ва ҳаҷми чоҳи силос яъне ҳаҷми силоси тайёр ба ҳисоб гирифта мешавад. Силосхобонии коҳи холис низ дар ин сатр нишон дода мешавад.

Дар сатри № 10 «Истеҳсоли орди витаминдори алаф» аз алафҳои корам ва табии ва дигар алафҳо, ки дар хоҷагӣ дар агрегати хушккунаки махсус: орд, ғелак ва брикет ҳосил карда шудааст нишон дода мешавад.

Дар сатри № 12 «Ҳамагӣ хӯроки чорво тайёр карда шуд»- ин ҷамъи ҳамаи хӯроки чорво, ки ба ҳисоби воҳиди хӯрока гардонда мешавад нишон дода мешавад. Гузаронидани вазни физики хӯроки чорво ба воҳиди хӯрока ба воситаи коэфисентҳое, ки лабораторияи мақомоти агрохимиявии тадқиқоти хӯроки чорво муайян кардаанд гузаронида мешавад.

Тартиби гузаронидани хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока чунин аст:

1) хасбедаи алафҳои табиӣ ва корам *0,46
2) тарбеда*0,32
3) хасу хошоки зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ, коҳреза. *0,25
4) бехмеваҳои хӯроки чорво*0,22
5) силос *0,18

Ҳисобот бо имзои роҳбари хочагӣ ва сармухосиб пешниҳод карда мешавад. Шахси имзокунандаи ҳисобот барои эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот ва дар сари вақт пешниҳод намудани он ҷавобгар аст.